# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-022 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи **«Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи “Гардиши девбод”-и Абдулҳамид Самад»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.

Адабиёти нимаи дуюми асри XX ва замони соҳибистиқлолии кишвар аз марҳалаҳои муҳимми адабиёти давраи нави тоҷик маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи дигаргуниҳо дар давраи мазкур аз вазифаҳои муҳимми илмҳои адабиётшиносии замони истиқлол ба шумор меравд. Бо назардошти ин матлаб дар диссертатсия унвонҷӯ Сурайё Ҳайдарова тадқиқи бадеии таърихи гузаштаро дар нимаи дуюми садаи XX падидаи тоза арзёбӣ намуда, дар осори чеҳраҳои адабии ин давра, аз ҷумла Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, М.Турсунзода, Ф. Муҳаммадиев, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, П. Толис, Ҷ.Одина, Б. Собир, Л. Шералӣ, Гулрухсор дар заминаи огаҳӣ аз таърих ва ҳофизаи таърихии миллат тавҳаввулот ва навгониҳои фикриро ба мушоҳида гирифтааст.

Дар радифи адибони мазкур метавон ном ва маҳсули қалами Нависандаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Абдулҳамид Самадро низ қайд намуд, ки аз оғози фаъолияти эҷодӣ то ба ин замон бо тарзу равиши хос ва мундариҷаи баргузида осори гаронбаҳое пешкаши хонанда гардонидааст. Дар эҷодиёти нависанда ҳақиқати воқеӣ, ки заминаи асосии ҳақиқати бадеӣ ба ҳисоб меравад, бо сабку услуби хос, забони фасеҳ, бо рангорангиву махсусияти ҷолиби тафаккуру

тахайюл ба тасвир меояд. Нависанда мавзӯъҳоеро мавриди тасвири бадеӣ қарор медиҳад, ки ба ҳаёти ҷомеа созгор бошанд ва ба раванди зиндагӣ, сиёсати ҷорӣ ва ахлоқи ҷомеа мувофиқат карда, пайванди ногусастании гузаштаву имрӯза ва фардоро таъмин намоянд. Аз ин рӯ, осори Абдулҳамид Самад таҷассумгари армонҳои миллӣ буда, дар партави андешаҳои башардӯстона ва тарбиявӣ фароҳам омадааст ва ғояҳои ватандӯстӣ, ҳифзу ҳимояи марзу бум ва одобу ахлоқи шоистаи инсониро тарғиб менамоянд.

Мавзӯъ, мундариҷа ва ғояи марказии романи калонҳаҷми Абдулҳамид Самад «Гардиши девбод» низ ҳамин матолиб буда, тадқиқи бадеии воқеоти таърихи қариб якасраи халқи тоҷикро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, аз ҷониби С. Ҳайдарова дар шакли диссертатсия ба риштаи таҳқиқ кашида шудани рӯзгору осори Абдулҳамид Самад ва баррасии масъалаи таҷассуми бадеии таърих ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод» дорои арзишҳои баланди илмӣ мебошад.

Ба шакли муфассал ба таҳлилу баррасӣ гирифтани зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Абдулҳамид Самад, бахусус возеҳ намудани ҷойгоҳи нависанда дар адабиёти давраи нави тоҷик, мақоми вай дар ташаккулу таҳаввули насри таърихии тоҷик ва таҷассуми бадеии масъалаҳои худшиносии миллию ҳофизаи таърихӣ дар насри бадеии нависанда мақсади аслии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вазифаи аввалиндараҷаи муаллифи он маҳсуб меёбад.

Нововарии кори диссертатсионии С. Ҳайдарова дар он зохир мешавад, ки бори нахуст дар адабиётшиносии точик ҷилдҳои якум ва дуюми романи “Гардиши девбод” ба таври фарогир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Унвонҷӯ дар раванди иҷрои кори диссертатсионӣ ва ҳалли масъалаҳои алоқаманд ба мавзӯъ, аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, китобхонаӣ, таҳлили сохторӣ ва бо назари интиқодӣ муносибат кардан бо матнҳои мавриди ниёз,

сарчашмаҳои илмию адабӣ ва дигар меъёрҳои писандидаи илмӣ истифода кардааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои он, арзиши назариву амалӣ ва асосҳои методологии таҳқиқот, маводи рисола, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ниҳоят татбиқи натиҷаҳои рисола ва сохтори онро дар бар мегирад.

**Боби якуми рисола** бо номи **“Абдулҳамид Самад ва эҷодиёти ӯ”** аз чор фасл иборат мебошад. Дар фаслҳои ҷудогонаи ин боб ба таври мухтасар зиндагонӣ, роҳи эҷодӣ ва осори адабии нависанда, марҳалаҳои рушди насри Абдулҳамид Самад, хусусиятҳои сохториву мундариҷавии романи “Гардиши девбод” ва образҳои асар таҳқиқ шудаанд.

**Боби дуюми** диссертатсия **“Таҷассуми бадеии таърих дар романи “Гардиши девбод”** унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Ин қисмати таҳқиқ ба ҷанбаи таърихӣ-бадеии асар иртибот дорад. Ҷанбаи таърихии роман дар он зоҳир мешавад, ки дар ҳар ду қисмати роман (китоби якум ва дуюм) тадқиқи бадеии ҳодисаҳои таърихии садаи XX – девбодҳо ва таъсири манфии онҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавии мардуми тоҷик сурат мегирад.

**Боби сеюми** диссертатсия – **“Хусусиятҳои миллии роман”** аз се фасл иборат буда, он дар хусуси ҳаёти иҷтимоии мардум, муносибати онҳо ба рухдоди ҳаводис, андешаҳои таҳлиливу муқоисавии онҳо, инъикоси худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ, инчунин ҳунари нависандагии А. Самад баҳс мекунад. Дар диссертатсия таҳлили бозтоби воқеияти таърихӣ, масъалаи худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи “Гардиши

девбод" ва ҳунари нависандагии А. Самад дар тасвири воқеият барҷаста сурат гирифтааст.

Диссертант таъкид мекунад, ки яке аз тобишҳои сабкии Абдулҳамид Самад забони асар мебошад.

Дар бахши хулоса ба таври ҷомеъ натиҷаҳои таҳқиқ баён гардидаанд. Феҳристи адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Ҳамзамон ба маврид аст, ба бахше аз камбудҳои мавҷуд дар иншои диссертатсия ишорат намуд. Ба андешаи мо, таҳлилҳое, ки оид ба ҷанбаи таърихии асар мебошанд, шарҳу такмили бештар мехоҳанд. Ҳамчунин дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва услубию китобатӣ ба назар мерасанд, ки моҳияти диссертатсияро халалдор намесозанд.

Эродҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияи илмиро кам намекунанд ва ислоҳшавандаанд. Муҳиммияти таҳқиқ, тозагиҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссия ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи **«Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи "Гардиши девбод"-и Абдулҳамид Самад»**, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ба талаботи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои умумии диссертатсияанд. Бинобар ин ҳайати комиссия ба чунин хулоса омад, ки:

1. Диссертатсияи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи **«Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи "Гардиши девбод"-и Абдулҳамид Самад»**, барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои филологӣ

аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

1. **Салихов Шамсидин Аслидинович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

2. **Ҳошимова Хуршеда Абдуманоновна** - номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон;

3. Ба ҳайси **муассисаи тақриздиҳанда** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода;

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани **автореферати диссертатсия** дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон барои чопи **автореферати диссертатсия** бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илми филологӣ, профессор
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ А.Кӯчарзода

**Аъзои комиссия:**

доктори илми филологӣ, профессор
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ У. Сафаров

доктори илми филологӣ, профессор
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ М. Нарзиқул